**Тақриз**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи “Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2019. – 152 с.**

Доираи адабии Ҳисор аз ҷумлаи ҳавзаҳои муҳимми адабии Мовароуннаҳр мебошад, ки баъд аз асри XV фаъолияти намояндагони он беш аз пеш вусъат ёфтааст. Аз асри XVI ба баъд намояндагони ин доираи адабӣ бо фароҳам омадани имкон, ба ҳавзаҳои дигари адабӣ рафтуомад намуда, баъзе аз онҳо то поёни умри худ дар дигар манотиқ зиндагию фаъолият намудаанд. Дар асрҳои XVIII-XIX вусъати доираи фаъолияти адибони ҳисорӣ ба ҳаддест, ки муҳаққиқон мақоми ин ҳавзаи адабиро баъд аз доираҳои адабии Самарқанду Бухорою Хева муҳим донистаанд. Роҷеъ ба ин доираи адабӣ ва рӯзгору осори шоирони ин минтақа, ба ҷуз чанд асару мақолаи Амирбек Ҳабибов ва донишмандони дигари тоҷик, таҳқиқи комилу қонеъкунанда анҷом наёфтааст. Ин холигоҳ бояд бо саъйи муҳаққиқони огоҳу ҷӯянда пур карда шавад. Аз ин нигоҳ рисолаи Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна шоёни таваҷҷуҳ ва саривақтист.

Аҳаммияти назарии рисола дар он аст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик муҳити адабии Ҳисори асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори яке аз намояндагони маъруфи он Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ба таври монографӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, бори нахуст маҷмӯаи нисбатан мукаммали ашъори шоир ба хатти кириллик ба чоп расонида шудааст, ки аз хадамоти муҳимми муаллифи рисола аст.

Рисола дар асоси сарчашмаҳои зиёди адабӣ, аз ҷумла тазкираю ҷунгу баёз, девону маҷмӯаи ашъори шоирон, нусхаҳои қаламӣ ва чопии ашъори Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ, осори илмӣ-таҳқиқотие, ки аз ҷониби донишмандони тоҷик роҷеъ ба доираи адабии Ҳисор, Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва ашъори ӯ таълиф шудаанд, навишта шудааст.

Рисолаи мавриди назари мо аз муқаддима, се боб ва хулосаю китобнома иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аҳаммият ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии илмии

рисола, усул ва равиши таҳқиқ, арзиши илмию амалии таҳқиқ баён шудааст.

Боби якуми рисола – “**Муҳити сиёсию адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX**” аз ду фасл иборат буда, баррасии масъалаҳои вазъи сиёсию иҷтимоии замони Мирзо Ҳасрат, шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрат ва муҳити адабии замони шоирро фаро мегирад.

Фасли аввали боби якум “**Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ**” ном дошта, муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва осори таҳқиқии олимони асрҳои охир ба шарҳи авзои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони шоир пардохта, авомили сууду пешрафти бархе аз марокизи маъмурию фарҳангӣ, бахусус Ҳисорро нишон додааст. Дар баробари баррасии ҳаводиси сиёсии замон, муаллифи рисола роҷеъ ба интишори фарҳангу ҳунари мардуми ин минтақа баҳс ба миён оварда, баъзе аз ҳунарҳои нафисро, ки то имрӯз низ боқӣ мондаанд, бармешуморад. Ба монанди кулолгарӣ, оҳангарӣ, бофандагӣ, пойафзолдӯзӣ, қаннодӣ, ҳалвопазӣ, ки аз шуғлҳои косибони водии Ҳисор мебошанд.

Фасли дувум – “**Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрат ва муҳити адабии ин давра**” ба масъалаи муҳити адабии Ҳисор ва нақши шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрат дар тавсеаи ин доираи адабӣ бахшида шудааст. Ба назари муаллифи рисола, дар давраи мавриди таҳқиқ шоирони зиёде, чун Мулло Раҷаби Парӣ, Мулло Эсои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон, Тошхоҷаи Ирсӣ, Мулло Муҳаммадшарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Холӣ, Хатиби Ҳисорӣ ва дигарон дар доираи адабии Ҳисор фаъолият доштаанд, ки на танҳо дар водии Ҳисор, балки берунтар аз он шуҳрат доштаанд. Шоирони ҳисорӣ бо марокизи адабии бузурге, чун Бухорою Самарқанд робита доштаанд. Тавре ки донишманди фақид Наҷмиддин Сайфиев менависад, “аз маҷлисҳои адабии музофоти аморати Бухоро маҳфили адабии Ҳисор бештар ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Дар замони ҳукумати Абдулкаримбӣ ва Яъқуби мир маҳфили адабии Ҳисор бештар инкишоф меёбад. Дар ин солҳо дар вилояти Ҳисор, мисли Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Мулло Раҷаби Парӣ ва ғайра, шоироне фаъолият доштаанд, ки бо аҳли адаби Бухоро бевосита алоқаманд будаанд” (Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. – Д., 2012. – С. 269). Дар сарчашмаҳо ва таҳқиқоти донишмандони асрҳои охир роҷеъ ба теъдоди зиёди адибони ҳавзаи адабии Ҳисор маълумот дода шудааст. Муаллифи

рисола роҷеъ ба аксарияти шоирони ин давраи доираи адабии Ҳисор маълумот дода, роҷеъ ба мероси адабии онҳо ба таври иҷмолӣ қазоват намудааст. Аз муҳокимаронии ҳои муаллифи рисола бармеояд, ки ашъори аксари ин шоирон ҳанӯз чоп нагардидаанд ва ҷараёни зиндагию осори ин шоирон ҳанӯз ба таври ҷиддӣ таҳқиқ нашудааст.

Боби дувум "**Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ**" ба зиндагинома ва мероси адабии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ бахшида шудааст.

Дар фасли аввали боби дувум роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳасрат баҳс шудааст. Дар асоси сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ашъори худи шоир ва асару мақолаҳои донишмандони тоҷик муаллиф кӯшидааст, ки биографияи илмии шоирро мураттаб намояд. Ҳарчанд шарҳи ҳоли шоир ба таври муназзам мураттаб нашудааст, вале доираи баҳсҳои муҳаққиқ бо овардани далоили қонеъкунанда аз сарчашмаҳои дараҷаи аввал ва таҳқиқоти мавҷуд дар Тоҷикистон вусъат меёбад. Аз мабоҳиси суратгирифта бармеояд, ки Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ дар охири асри XVIII (1766) ба дунё омада, аз табори шахсони барӯманди Ҳисор будааст ва дар нимаи аввали асри XIX (1832) аз олам гузаштааст. Дар баробари ҳаёту фаъолияти шоир, муаллифи рисола роҷеъ ба вазъи оилаю пайвандон ва фарзандону аъқоби ӯ таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки як идда аз аҳли илму адаби муосири тоҷик аз авлоди Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ мебошанд.

Фасли дувум баррасии мероси адабии Мирзо Ҳасрати Ҳисориро фаро мегирад. Бино ба таҳқиқи рисоланавис, аз маҷмӯи ашъори эҷоднамудаи шоир қисмати каме то замони мо расидааст. Муҳаққиқ дар заминаи баёзҳо ва маҷмӯаи "Мероси адабии шоирони Ҳисор" ба натиҷае расидааст, ки ашъори боқимондаи Мирзо Ҳасрат аз 1146 байт иборат мебошад. Инчунин, ду порчаи мансури бо назм омехтаи адиб низ имрӯз дастраси аҳли илму адаб шудааст.

Зимни баррасии ашъори Мирзо Ҳасрат муаллифи рисола вариантҳои гуногуни шеърҳоро аз маъхазҳои хаттӣ ва осори матбӯъ оварда, фарқият ва гуногунхониии онҳоро қайд кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба шаклу мазмуни ашъори овардашуда маълум мешавад, ки дар баъзе сарчашмаҳои хаттӣ ашъори Мирзо Ҳасрат бо таҳрифоти ҷузъӣ рӯнавис шудаанд, ки дар натиҷа вазни шеърҳо халалдор шудааст. Ҳарчанд ин нуктаро муаллифи рисола ишора накардааст, вале табдилу тағйири баъзе

калимаю таркибот ҳам ба вазн халал ворид кардаанд, ҳам ба мазмуни шеърҳо. Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф зимни баррасии ашъори шоир баъзе абёти ғазалу мухаммасоти шоирро, ки дар ҳошияи дастхатҳо сабт шудаанд, бо мулоҳизаи он ки дӯстону алоқамандони шоир баъзе абёти ғазалҳои девони аз байнрафтаи шоирро дубора барқарор кардаанд, махсус таъкид намудааст. Илова бар ин, бо айби котибон пасу пеш омадани абёту мисроъи ашъори шоир мавриди интиқоди рисоланавис шудааст, ки гувоҳи истиқлоли фикрии муҳаққиқ аст. Чопи маҷмӯаи ашъори Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ бо кӯшиши муаллифи рисола хидмати арзандае дар муаррифии ин шоир ва ашъори боқимондаи ӯ мебошад.

Боби сеюми рисола "**Таҳлили мавзӯъҳои ашъори Мирзо Ҳасрат**" унвон дошта, ба шарҳу таҳлили доираи мавзӯоти ашъори Мирзо Ҳасрат ва хусусиёти бадеии онҳо ихтисос ёфтааст. Ин боб шомили чаҳор фасл буда, се фасли он марбут ба мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Мирзо Ҳасрат мебошанд ва фасли чорум ба хусусиятҳои бадеии ашъори шоир бахшида шудааст. Рисоланавис мавзӯъҳои ашъори шоирро дар се бахш – ишқ, панду андарз ва шикояту эътироз алайҳи беадолатии замону танқиди ҳокимону зимомдорон ҷудо кардааст.

Ба назари муҳаққиқ, дар ашъори ошиқонаи Мирзо Ҳасрат васфи ҷамоли маъшуқ, азобу маҳрумиятҳои ошиқ, бемеҳрию ҷафои маҳбуба, талоши ошиқ барои расидан ба висоли маъшуқ мундариҷ аст. Бино бар таҳлилҳои муаллифи рисола маълум мешавад, ки дар ашъори ошиқонаи Мирзо Ҳасрат ҳам ишқи воқеии инсонӣ ва ҳам ишқи илоҳӣ васф шудааст. Маълум аст, ки шоир бар мабнои суннати шеъри ошиқонаи форсу тоҷик аз таъбироте кор мегирад, ки марбут ба ҳамин навъи мавзӯии шеър аст ва гоҳе вожаю таъбироти тозае низ истифода менамояд. Дар баробари ғазал, муаллифи рисола ба таҳлили мухаммасҳои шоир пардохтааст, ки дар ин замина ҳам мухаммасҳои мустақилро, ки моли худи шоир аст ва ҳам мухаммасҳои тазминро, ки ба ғазали шоирони дигар, аз ҷумла Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мирзо Бедил ва дигарон баста шудааст, таҳлил менамояд.

Мавзӯи панду андарз ва тарғиби кирдори шоистаю холӣ аз халал ва мазаммати ахлоқи разила аз мавзӯъҳои суннатии шеъри форсу тоҷик мебошанд. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки шоир кирдорҳои номақбуле чун кибру ғурур, тангчашмию ҳарисӣ, нодонию тамаъкорӣ, дурӯғгӯию туҳмат ва амсоли онҳоро мазаммат намуда, дар тарғиби хислатҳои неки

инсонӣ, чун караму саховат, ҷавонмардию ҳиммат ва дастгирии бечорагон ашъори пурмазмун сурудааст. Барои пуртаъсир баромадани сухан шоир аз ирсоли масалу зарбулмасалу мақолҳои машҳури халқӣ истифода бурдааст, ки ин шеваи баён хоси шоирони сабки ҳиндист ва дар Мирзо Ҳасрат низ аз пайравони сабки ҳиндӣ мебошад.

Шукру шикоят дар шеъри форсии тоҷикӣ аз мавзӯъҳои суннатист ва дар шеъри Мирзо Ҳасрат низ ин мавзӯъҳо мавқеи муҳим доранд. Махсусан, шикоят аз ҷабри фалаку эътироз ба ноадолатиҳои замон ва шикоят аз зулму ҷабри зимомдорон дар шеъри Мирзо Ҳасрат зиёд дарҷ шудааст. Яке аз сабабҳои маҳрумиятҳо ва нокомиҳои шоирро муҳаққиқ дар он мебинад, ки вай боре ҳам ба ҳокиме мадҳия нагуфтааст ва аз ин ҷиҳат аз назари аҳли ҷоҳ дур мондаву беэътиноии ҳуккоми замон шоирро аз онҳо дилмонда кардааст. Интихоби тахаллуси Ҳасрат низ шояд ба далели ҳамин номуродиҳои ӯ дар зиндагӣ ва ҳасрати зиндагии шоиста интихоб шуда бошад. Дар баробари шикояту эътироз бар беадолатиҳо, шоир гоҳе ҳаҷвияҳо ба зимомдорони давр навиштааст, ки аз маҳорати баланди ӯ дар ин навъи шеърҳо дарак медиҳанд

Дар фасли охири боби сеюм хусусиятҳои бадеии ғазалҳои Мирзо Ҳасрат баррасӣ шудааст. Муаллиф истифодаи калимаю таъбирҳои маъмулии халқию адабӣ ва нақши онҳоро дар ифодаи маъною мазмуни шеър баррасӣ намуда, роҷеъ ба забону сабки баёни шоир хулосаҳои ҷолиб мебарорад.

Хулосаи кор муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқро фаро мегирад. Китобнома 137 номгӯй сарчашма ва адабиёти илмиро дар бар мегирад.

Умуман, рисолаи мавриди назар кори таҳқиқии ба анҷомрасида буда, муаллиф ба ҳадафҳои илмии интихобнамудаи худ расидааст. Рисола аз лиҳози сохтор, забон ва сабки баён мувофиқи талаботи корҳои илмӣ таълиф шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рисола, дар баробари дастовардҳои хуби илмӣ, аз камбудиҳо орӣ нест ва баъзе нуқсонҳо дар он роҳ ёфтаанд, ба тариқи зайл:

1. Номи баъзе бобу фаслҳо дар мундариҷаи рисола бо ановини фаслу бобҳо дар дохили кор мувофиқат намекунанд. Масалан, фасли аввали боби якум, фасли сеюми боби сеюм.

2. Дар бахши муқаддимаи рисола ва автореферат – “Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд” масоили пешниҳодшуда шакли

масъалагузориро мегиранд, ки аз бахши "Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ" кам фарқ мекунанд. Бояд ин бахш дар шакли хулоса ифода ёфта, натиҷаҳои муҳимми таҳқиқро ба таври умумӣ дар бар гирад.

3. Фасли аввали боби якум "Вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии замони Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ" ном дорад, вале дар ин фасл масъалаи вазъи адабӣ баррасӣ нашудааст. Дар унвони фасл вожаи "адабӣ" зиёдатист.

4. Дар овардани абёти шоирон норасоии вазн ба назар мерасад (С. 30, 43, 58, 61, 73, 79, 95, 121). Масалан, дар абёти зайл:

Гарчи мӯрам, вале ҳукми Сулаймон дорам,
Ки бахшам(?) бувад аз Мулки Сулаймон орам (с.95).

***

Дил ба меҳри дори дунё хуш магардон, эй Ҳусайн,
Ҷуз фиреби макри малъун кай дорад ин маккор кор (?) (с.73).

5. Боби сеюм, ки "Таҳлили мавзӯъҳои ашъори Мирзо Ҳасрат" ном дорад, вобаста ба масоили матраҳшаванда "Мавзӯъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Мирзо Ҳасрат" ном мегирифт, дуруст мебуд, зеро фасли чорум унвони "Хусусиятҳои бадеии ашъори Мирзо Ҳасрат"-ро дорад.

6. Маъмулан дар бахши хусусиятҳои бадеии ашъори шоирон баҳс аз вазну қофия, бадеиёт ва ҳунари шоирӣ меравад, вале муаллиф бахши зиёди ин фаслро ба татаббӯот ва ҷавобияҳои Мирзо Ҳасрат бар ашъори шоирони гузашта бахшидааст, ки ин баҳсро дар бахши алоҳида метавонист анҷом диҳад.

7. Дар бахши "Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ" муаллифи рисола ба китоби "Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX)"-и Наҷмиддин Сайфиев, ки соли 2012 ба нашр расидааст, ишорае накардааст. Ҳол он ки дар ин китоб роҷеъ ба доираи адабии Ҳисор, шоирони ҳисорӣ ва Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ маълумот ва андешаҳои муфид ҷой дорад. Дар китобнома низ ин китоб сабт нашудааст.

8. Дар рисола ғалатҳои зиёди имлоӣ ва услубӣ (С. 3, 4, 5, 7, 18, 19, 20, 48...) ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо сифати корро беҳтар менамояд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши илмии рисоларо, ки саҳми арзишманде дар адабиётшиносии муосир аст, кам намекунанд.

Мундариҷаи асосии рисола дар фишурда ва 13 мақолаи илмӣ ифода шудааст.

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло баёншуда метавон ба хулосае омад, ки рисолаи илмии Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадова бо аҳаммият, навигарии илмӣ ва арзиши амалии худ ба талаботи КОА назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовории дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи таърихи
адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Низомов Муҳриддин Зайниддинович

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: nizomi73@mail.ru
Тел.: 992918714350

Имзои дотсент М. Низомовро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Э. Тавқиев
25. 09. 2019.